*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди*
*Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

# ТАҚРИЗИ

муқаррризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ Султонов Мусулмон Субҳонович ба диссертатсияи Нуралиева Дилафруз Камоловна дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Дар асоси баррасӣ, таҳлил ва баҳодиҳии муҳтавою муқаррароти диссертатсияи пешниҳодшудаи Нуралиева Дилафруз Камоловна дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки ихтисоси диссертатсия ба бандҳои 10.1 – Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.10 – Инноватсияҳои молиявӣ дар бахши бонкӣ; 10.15 – Коркарди амсилаҳои муайян кардани нархҳо ва арзиши аслии хизматрасониҳо ва амалиёти бонкӣ; 10.19 – Методология ва механизми ташаккул ва истифодаи захираҳои бонкӣ; 10.22 – Маҳсулоти нави бонкӣ: намудҳо, технологияи ташкил, тарзҳои татбиқ, мутобиқат менамояд.

**2. Мубрамии мавзуи диссертатсия.** Мавзуи диссертатсияи тақризшаванда «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, мубрам буда дар он механизмҳо ва низомҳои устуворсозии рушди бозори хизматрасони бонкҳо ба таври васеъ инъикос ёфтааст. Бояд қайд намуд, ки дар рафти таҳқиқот муаллиф ҷанбаҳои асосӣ ва нуктаҳои муҳимми рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳуриро таваҷҷуҳ намудааст, ки хизматрасониҳои бонкӣ марҳила ба марҳила рушд намуда истодаанд, дар шароити муосир бошад, бонкҳо яке аз самтҳои афзалиятноки давлат دониста мешавад, ки ба ин восита бонкҳо метавон иқтисоди мамлакатро баланд бардошт ва худи бонк ҳамчун маблағгузор дар дохили мамлакат баромад мекунад.

Махсусан дар замони муосир метавон аз бонкҳо васеъ истифода намуд ва дар рушди муносибатҳо саҳми босазои худро мегузоранд ба ин восита метавон рушди молиявии мамлакатро баланд бардошт. Дар самти фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун сарчашмаи

асосии таъминкунандаи молиявӣ ва устуворсозӣ ба корхонаҳо аҳолӣ ва дигар соҳоҳои муҳимми иқтисоди мамлакат метавон баромад намуд. Истифодаи иқтидори захираҳои бонки тиҷоратӣ дар мамлакат сармоягузорӣ ба соҳаҳои гуногуни мамлакат дониста мешавад, тақвиятёбии пойгоҳҳои захиравии бонкҳои тиҷоратӣ дар идоракунии оқилона ва самаранокии он вобастагӣ дошта, такмилёбии бонкҳо дар рушди хизматрасонии бонкӣ саҳми арзанда мегузорад.

Дар айни замон бонкҳои тиҷоратӣ нақши муҳимми худро дар рушди маблағгузории барномаҳои қарзӣ ва идоракунии онҳоро дар самти пешбурди иқтисодӣ саҳми калон мегузоранд. Рушди идоракунии молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар мамлакати мо метавон бо бонкҳои тиҷоратии мамлакатҳои хориҷӣ ҳамкориҳои дуҷонибаро ба роҳ монад, ин ба манфиати худи бонк мебошад.

Дар ин асос қайд намудан лозим ба ёдоварист, ки такмили рушди хизматрасонӣ ва устуворсозии низоми бонкҳои тиҷоратӣ зарур дониста мешавад ва дар ин асос хизматрасониҳои бонкиро зиёд намуд, ин хизматрасониҳо метавонанд барои бонкҳо дар ҷумҳурӣ муҳим дониста шаванд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар рисола бадастомада, нуктаи илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Дар таҳлил ва баррасии таҳқиқот асосҳои назариявӣ ва амалии рушди хизматрасониҳои бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои калидӣ донистан зарур мебошад, ки бонкҳо метавонанд барои фаъолсозии иқтисодии мамлакат саҳмгузор бошанд. Натиҷаҳои муҳимми таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дорои хусусияти навгониҳои илмӣ мебошанд, инҳо ба ҳисоб мераванд:

- муаллиф омузиши хусусятҳои бонкӣ имконият фароҳам меоварад, ки хизматрасониҳои бонкӣ моҳияти иқтисодӣ хизматрасониҳои бонкиро муайян карда шавад ва хусусятҳои бозори хизматрасони бонкӣ бошад инкишофи бемайлони бонкҳо мавриди таҳлил қарор гиранд ва марҳилаҳои рушди хизматрасониҳои бонкӣ бо дарназардошти таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ назарияи муаллиф пешниҳод гардидааст;

- диссертант дар кори худ қайд кардааст, ки дар рушди низоми бонкӣ инноватсия ҳамчун омили муҳимми фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, рушди инноватсия дар ташкилотҳои молиявӣ нишондиҳандаи асосӣ дар пешрафти рушди хизматрасониҳои бонкӣ баҳогузорӣ мешавад, ки технологияҳои муосири молиявӣ дар таҳкими сифати хизматрасониҳои бонкӣ бошад, мавриди омузиш қарор гирифта, он ҳамчун омили муҳимми минбаъдаи рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дониста мешавад;

- муаллиф барои устуворсозии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва нишондиҳандаҳои механизми молиявии низоми бонкӣ дар замони муосири бозори хизматрасониҳои бонкӣ барраси гардида, мавқеи ташкилотҳои молиявӣ амалӣ карда мешавад, аз ҷумла маҳсулотҳои бонкӣ дар фаъолияти ҳамаруза амалӣ карда шуда, бозори хизматрасониҳои бонкӣ миёни ташкилотҳои молиявӣ ошкор гардидааст, сатҳи рақобат бошад, баръало маълум мебошад ва ин сатҳи рақобат дар байни ташкилотҳои молиявӣ ба манфиати кор дониста мешавад, ки ҳамаруза кушиш ба харҷ медиҳанд.

- аз ҷониби муаллиф масъалаҳои муҳимме, ки дар рушди хизматрасониҳои бонкӣ он омилҳое метавонанд ба ҷараёни фаъолияти бозори хизматрасониҳо таъсир расонанд, дар бонкҳо он маблағҳое таъсиргузор шуда метавонанд, ки қарзҳои мушкилситон мебошанд, барои ситонидани қарзҳои мушкилситон чораҳои зарурӣ андешидан лозим. Дар рушди инноватсия ва хизматрасониҳои бонкӣ метавон гуфт, ки ин талаби замони муосир мебошад, мутахассисони бонкро зарурият ба миён меояд, ки нисбати инноватсия ҳамаруза корбарӣ намоянд.

- дар таҳияи диссертатсия муаллиф усулҳои баландбардории сифати рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар самти рақобатпазирӣ амалӣ карда мешавад, ки дар рушди фаъолият бошад, рақобат ҳамавақт ба назар мерасад, бояд мушкилиҳои рақобатро нигоҳ накарда, сари роҳи мушкилиро бояд гирифт ба сифати хизматрасониҳои бонкӣ ва тақвияти менеҷменти бонкӣ дар раванди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ тавсия гардидаанд;

- муаллиф дар рушди фаъолият маҳсулоти нави бонкӣ, ки дар шароити муосири иқтисодӣ коркард кардааст ва ин барои пешбурд ва фаъолият маҳсулотҳои бонкӣ муҳим мебошад, ки давраҳои ташкил ва роҳандозии маҳсулоти бонкӣ дар рушди хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, илова бар ин, ҷанбаҳои афзалиятноки рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дақиқ карда шуда, мавқеи давлат ҳамчун институти махсус зимни тараққиёбии бахши бонкӣ баррасӣ гардидааст.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳамияти илмӣ назариявии кори диссертатсияро ақидаҳои назарияви олимони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳад ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба низоми бонкӣ ва идоракунии он аз ҷониби бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва амалӣ карда мешавад. Дар ҳолати таҳқиқоти диссертатсия бошад, омузиши масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ барраси шудааст ва ҷанбаҳои гуногунро дар бар мегирад, муаллиф бошад, дар ин самт кушишҳои зиёде намудааст, ки барои амалисозии низомҳои бонкӣ

усулҳои инноватсионӣ ва мавкеи иқтисодии бонкҳои тиҷоратӣ муҳим дониста мешавад. Таҳқиқотҳои гузаронидашуда метавонанд дар рушди бонкҳои мамлакат саҳми босазое гузоранд.

**5. Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ.** Аҳамияти амалии кори диссертасия дар истифодаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии маълумотҳои оморӣ, маълумотҳои бонкӣ амали гардидааст ва тавсияҳои амалӣ барои устувори молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат менамояд. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсия дар таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва татбиқи барномаҳои молиявӣ, мавриди истифода қарор дода шавад.

**6. Самтҳои шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Давраҳои иҷроиши кори илмӣ, таҳияи мавзуҳо асоснокӣ ва мубрамияти он, мақсади гузоштатшуда, иҷроиши онҳо аз ҷониби диссертант ба анҷом расонида шудааст. Дар раванди таҳқиқот диссертант механизмҳои низоми идоракунии устувори бонкҳо дар низоми иқтисодӣ бозорӣ омухта шудааст, роҳҳои баландбардории устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва самаранокии онҳо амалӣ карда мешавад.

**7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшаванда.** Вобаста ба мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 9 мақола таҳия шудааст, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**8. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Нуралиева Дилафруз Камоловна ба ихтисос ва самти илмии дархостшаванда номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат намуда, муаррифии зарурии натиҷаҳои таҳқиқот, шумораи мақолаҳои илмӣ ва сатҳу сифати кори иҷрошуда нишон медиҳанд, ки кори диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ ба Талаботи додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, тахти №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**9. Натиҷаҳои кор ва ҷанбаҳои мусбии он.** Вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, сохтор ва мундариҷаи диссертатсия муайян карда шуд, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, 21 расм, 10 ҷадвал, 9 диаграмма, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аз 159 номгӯи адабиёт иборат буда, дар ҳаҷми 183 саҳифа таҳия шудааст.

**Боби якум «Ҷанбаҳои назариявӣ-методологии ташаккули бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар иқтисодиёт».** Мавриди зикр аст, ки дар раванди пешрафти мунтазами ҷомеа ва густариши муносибатҳои молиявию иқтисодӣ бозори хизматрасониҳо ва инчунин бозори меҳнат аз унсурҳои муҳим арзёбӣ мегарданд. Дар доираи фаъолияти бозори

хизматрасониҳо, бозори хизматрасониҳои бонкӣ мавқеи асосиро касб намудааст ва таъмини рушди устувори низоми хоҷагидорӣ аз он вобаста мебошад. Ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ аз пешрафти бемайлони бозори хизматрасониҳо дар маҷмуъ вобаста аст (саҳ 15-29).

Дар робита ба ин, метавон қайд намуд, ки дар адабиёти иқтисодӣ оид ба рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар ҷаҳон, сарчашмаҳои ташаккулиёбии он дар кишварҳои ҷаҳон ва таҳкими минбаъдаи ин бозори ҳамчун субъекти зарурии иқтисодиёт таҳқиқотҳои густурда анҷом наёфтаанд. Такомули асосии бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва тақвияти динамикии он аз сатҳи қонунгузорӣ дар ҳар як кишвари алоҳида вобастагӣ дорад. Зеро заминаи қонунгузорӣ ва қабули санадҳои меъёрии саривақтӣ метавонад, ки барои иҷроиши самараноки амалиётҳои бонкӣ ва таҳкими сифати маҳсулотҳои пешниҳодшаванда таъсири калидӣ дошта бошад. (саҳ 29-32).

Бояд қайд намуд, ки самти фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва хизматрасониҳову маҳсулотҳои пешниҳодшавандаи ин ташкилотҳо ҳамаруза афзуда истодааст ва ин омил сабаб гардидааст, ки доираи фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ густариш ёбад. Ёдовар гардидан ба маврид аст, ки навоварӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ танҳо аз истифодаи технологияи муосир иборат нест.

Дар ин замина, рушди истифодаи усулҳои нави тиҷорат, коркарди механизми ҳарчи бештари муштариён ба ташкилотҳои қарзӣ, усулҳои нави татбиқи фаъолияти дар бозор, ба роҳ мондани маҳсулотҳои нав ва ғайраҳо ба роҳ монда шаванд (саҳ 44-45).

**Дар боби дуюм «Вазъи муосир ва тамоюли рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».** Новобаста аз рушди ноустувори иқтисодӣ ҷаҳон ва тағйирёбии иқтисодиёти кишварҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо онҳо ҳамкориҳои иқтисодии муттақобила дорад, иқтисоди миллӣ таи солҳои 2020-2022 рушди мунтазам дошт.

Наметавон таъсири омилҳои беруна, ба монанди бӯҳронҳои молиявӣ, пандемияи Covid-19, тағйирёбии қурбӣ ва ғайраро нодида гирифт. Инҷо бештар пандемияи Covid-19 таъсири худро гузошт, ки сабабгори асосии коҳишёбии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии давлатҳои дунё дониста мешавад (саҳ 60-61).

Метавонем зикр намоем, ки хизматрасонии бонкии рақамӣ айни замон ҳамчун омили муҳимми рушди низоми бонкӣ бароманд намуда, метавонад, ки ҷараёни тақвияти минбаъдаи фаъолияти ташкилотҳои қарзиро таъмин созад. Дар ин самт, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор корҳоеро ба анҷом расонид, ки метавонанд дар ин раванд заминаи мусоидро фароҳам оварад.

Аз ҷумла қабули:

* Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2012-2020) бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2011, № 643 тасдиқ карда шудааст;

* Консепсияи иқтисодӣ рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2019, № 642 тасдиқ карда шудааст (17банд ва 136 зербанд);

* Қарори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.11.2003, № 1174 «Дар бораи стратегияи давлатии иттилоотӣ - коммуникатсионии технологӣ барои рушди Тоҷикистон» (саҳ 84-86).

Банақшагирии раванди фаъолияти бонкҳо дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ мушкил буда, метавонад аз омилҳои зиёде дар сатҳҳои гуногун (макроиқтисодӣ, микроиқтисодӣ, дохилибонкӣ) вобаста бошад. Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ тибқи қонунгузории зерин: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" ва ғайра, ба роҳ монда шудааст (саҳ 99-102).

**Дар боби сеюм «Самтҳои асосии мукаммалгардонии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».** Дар шароити зиёдгардии равандҳои ҳамгирой миёни кишварҳои ҷаҳон ва гузариш ба низоми муосири бонкдорӣ, хизматрасониҳои бонкӣ низ шакл ва услуби пешниҳоди худро тағйир медиҳанд.

Ба вазъи даромаднокӣ ва сифати хизматрасониҳои пешниҳодшаванда муштариён ва субъектони ҳамкор, сиёсати нархӣ ва хусусияти хизматрасониҳо метавонад таъсир расонад. Айни замон дар кулли минтақаҳои кишвар рақобати солим миёни ташкилотҳои қарзӣ ҷорӣ гардидааст ва ин раванд метавонад ба устувории молиявии бонкҳо таъсиргузор бошад (саҳ 114-118).

Раванди инкишофи бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки мавқеи муҳимро коркарди маҳсулотҳои нав ва такмилдиҳии хизматрасониҳои амалкунанда ишғол менамоянд. Мавқеъгирии бонк бо назардошти коркарди маҳсулотҳои нави бонкӣ роҳи асосие дониста мешавад, ки бонкро рақобатпазир нигоҳ медорад. Бо рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар ҳудуди кишвар метавонад талаботи мизоҷон тағйир ёбад ва коркарди маҳсулотҳои нави бонкӣ аҳамияти вижа касб намояд (саҳ 129-131).

Аз ин рӯ, тақвияти минбаъдаи рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ аз истифодаи самараноки барномаҳо ва стратегияҳои қабулгардида вобаста буда, дурнамои рушди он таъмин мегардад. Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон низ дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 23.12.2022 ба ин масъала дахолат намуданд. Аз ҷумла, аз ҷониби Пешвои миллат қайд карда шуд, ки инфрасохтори бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар кишвар бояд тақвият ёбад ва доираи номгӯи маҳсулотҳои бонкӣ зиёд карда шаванд (саҳ 144-146).

**10. Мутобиқати баррасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Корри диссертатсионии муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд ва ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, корҳои интишоркардаи муаллиф иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро инъикос менамоянд.

**11. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

1. Дар шароити муосири иқтисодӣ истифодаи усулҳои аз нигоҳи иқтисодӣ муқаррарӣ ба мақсад мувофиқ нест ва истифода аз усулҳои инноватсионӣ бояд роҳандозӣ карда шавад. Ба ақидаи диссертант усулҳои инноватсионӣ аз иқтисодӣ фарқият дар чӣ мебошад, ки кадоме дар бонк манфиатовар дониста мешавад.

2. Дар зербоби 1.2 метавон қайд намуд, ки вобаста ба таҳаввулот, инкишоф ва рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ андешаҳо ва фикру ақидаҳо гуногун мебошанд ва дар ин самт назарияи ягона мавҷуд нест. Муаллиф ду назарияро пешниҳод кардааст ва ин назарияи пешниҳодшуда дар бонк чӣ самара медиҳад.

3. Маҷмуан, бо назардошти таҳқиқотҳои гузаронидашуда ва омузишу баррасии сарчашмаҳои илмӣ дарҷ намудан мумкин аст, ки муносибатҳои молиявӣ ва рушди хизматрасониҳои бонкӣ аз ду минтақаи ҷаҳон сарчашма мегирад. Яъне аввалин амалиёти бонкӣ ва нахустин хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақаҳои Аврупо ва Шарқ ба вуҷуд омадаанд ва рушди минбаъдаи онҳо дар саросари ҷаҳон сурат мегирад. Дар ҳолате, ки дар саросари ҷаҳон сурат гирад ҳамин ҳолат дар мо чӣ гуна аст ва кадом бонкҳо фаъол мебошанд.

4. Тибқи дурнамои Стратегия ҳаҷми амалиётҳои ғайринақдӣ дар ҳудуди кишвар то соли 2026 ба андозаи 2,4 маротиба зиёд гардад ва хизматрасониҳои пардохти рақамӣ ба андозаи 60% афзоиш ёбад. Ва кадом омилҳо ба роҳ монда мешавад, ки ин омилҳо зиёд шавад.

5. Дар ҷадвали 2.4 сандуқи қарзи бонкҳои тиҷоратӣ ва сифати он барои солҳои 2012-2022 бо млн сомини бо сол нишон дода шудааст. Аммо худи бонкҳо дар ҷадвал маълум нест.

**12.Хулоса.** Дар маҷмуъ, кори диссертатсионии Нуралиева Дилафруз Камоловна дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, пешниҳод гаштааст, рисолаи илмии анҷомёфтаи дорои хислату мазмуни илмию амалидошта, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он - Нуралиева Дилафруз Камоловна сазовори дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, дода шавад.

**Муқарризи расмӣ:**
н.и.и. саромӯзгори кафедраи молияи
МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав" Султонов М. С.

Имзои Султонов М.С.- ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав" Исозода Т. И.

*Суроға:* *Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Хатлон, 735140, ш. Бохтар кӯчаи Айнӣ, 67*
*Тел: +(992)3222-2-54-81, +(992)3222-2-22-53, E-mail: bgu-1978@mail.ru, www.btsu.tj*